*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

23 июни соли 2023

№ 12-13 (181-182)

**“Таҷрибаи дар фосилаи кӯтоҳи таърихӣ хомӯш кардани алангаи фоҷиабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ минбаъд аҳаммияти байналмилалӣ касб карда, таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Ман дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоям ва имрӯз низ бо эътимоди комил иброз медорам, ки «сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи мардуми сулҳпарвари мо, яъне хизмати таърихии халқи қаҳрамони тоҷик мебошад”.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

## БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ




Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муносибати 26-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллӣ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Нахуст муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот Тошматов Маҳмуд Неъматович аҳли толорро аз номи раёсати донишгоҳ бо ин ҷашни муқаддас муборакбод гуфта, табрикоти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темурро ба ифтихори ин санаи воқеан ҳам муҳимми таърихӣ қироат намуд.

Гуфта шуд, ки раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994-1997 нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа муваффақона анҷом пазируфтааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар барқарор гардидани сулҳу субот дар кишвар, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва рушду нумуи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми Сарвари давлат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Тавре Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд, “Меҳнати фидокоронаи чандинсолаи Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими сулҳу субот, баланд бардоштани некуаҳволии халқи тоҷик ва пойдории нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикстон дар арсаи байналмилалӣ равона гардидааст, сазовори эҳтироми баланд мебошад”.

Воқеан ҳам Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шарофати сиёсати оқилонаю дурандешона, заҳматҳои шабонарӯзӣ, ғамхорию дастгириҳои ҳамешагиашон нисбат ба тамоми қишрҳои ҷомеа ва иқдому ташаббусҳои сатҳи ҷаҳониашон тавонистанд, ки давлатро аз нобудшавӣ ва халқро аз парокандагӣ наҷот диҳанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як давлати пешрафта ва ободу зебо табдил дода, нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоранд.




Имрӯз мо тоҷикону тоҷикистониён ифтихор мекунем, ки чунин Сарвари оқилу дурандеш, сулҳдӯст ва раиятпарвару ташаббускор дорем.

Бо дарназардошти он ки сулҳ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле гарон ва бо роҳи мушкилу тулонӣ ба даст омад, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуданд, ки ваҳдати миллӣ бояд аз ҳама гуна ихтилофи назар, гуногунандешии сиёсӣ, манфиатҳои ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра болотар ва дахлнопазир бошад, аҳли ҷомеаро муттаҳид, якдил, эҳтиром ва якпорча созад.

Сипас, аз ҷониби раёсати донишгоҳ ба ғолибони “Озмуни ихтироъкорон ва беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки рӯзҳои 26-ум ва 27-уми май дар сатҳи баланд гузаронида шуда буд, мукофоти пулӣ, диплому сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Барномаи рангини консертие, ки аз ҷониби ҳунармандони ансамбли “Зуҳал”-и донишгоҳ омода карда шуда, рақсу суруд ва таронаҳои ба васфи Ватан, сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ бахшидашударо дар бар мегирифтанд, ба ҷамъомад шукуҳи тоза бахшида, хотири аҳли толорро шод гардонид.

**Р. МАСЪУД**

## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ 26-УМИН СОЛГАРДИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Дар қатори дигар ҷашну муқаддасоти миллӣ Рӯзи ваҳдати миллӣ барои мо – тоҷикону тоҷикистониён воқеан ҳам дастоварди муқаддасу нодир ба ҳисоб рафта, он аз ҷиҳати аҳамият бо мафҳуми истиқлолият дар як радиф меистад. Тавре Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд: «Халқи тоҷик сулҳу ҳамдигарфаҳмиро ба ивази азияту заҳмати сахту сангин ва муҳимтар аз ҳама, бо баҳои ҷони даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овард ва имрӯз шукргузор аст, ки дар фазои неъмати бузурги суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа кору зиндагӣ дорад.

Тамоми пешрафту тараққиёт, зиндагии босаодат ва ободию шукуфоие, ки имрӯз дар саросари кишвари маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол ба назар мерасад, самараи оромию осудагӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ мебошанд.

Аз ин хотир, ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки имсол 26-умин солгарди он дар саросари мамлакат бошукӯҳ таҷлил мегардад, самимона табрику муборакбод гуфта, ба ҳар кадоматон дар бобати боз ҳам мустаҳкамтар гардонидани ваҳдати миллӣ, ки зиндагии орому шоистаи мардум, рушду нумуъ ва ободию шукуфоии минбаъдаи Ватани маҳбубамон аз он вобастагии зиёд дорад, кӯшишу ғайрат ва хираду андешаҳои созандаро таманно дорам.

Дар ҳақиқат ваҳдати миллӣ шукуфоии Вата аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз гул – гул мешукуфад, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва ҷаҳду талошҳои ҳамешагии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, иқдому ташаббусҳои сулҳхоҳонаю созандаи сатҳи ҷаҳониашон оламиён тоҷиконро на танҳо мардуми сулҳдӯсту сулҳпарвар, балки дорои маданияту тамаддуни қадимадошта шинохтанд ва эътироф намуданд. Дар арсаи байналмилалӣ баланд гардидани нуфузу обрӯи кишвар ва макони баргузории чорабиниҳои сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ қарор гирифтани пойтахти он – Душанбешаҳр далели ин гуфтаҳост.

Имрӯз воқеан ҳам Душанбе ба яке аз шаҳрҳои ободу зебо ва пешрафтаи дунё табдил ёфтааст. Ҳар рӯз аз ин шаҳри сабзи афсонавӣ, шаҳри гулҳову шаҳри боғҳо ҳазорҳо нафар сайёҳону меҳмонони хориҷӣ дидан намуда, аз онҳо таассуроти нек мебардоранд. Ҳамаи ин маҳз самараи ваҳдати миллӣ, натиҷаи ҷаҳду талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки давлатро аз нобудшавӣ ва халқро аз парокандагӣ наҷот дод.

Аз ин рӯ, ҳар яки мо вазифадорем, ки кӯшишу ғайрати зиёд намуда бо меҳнати софдилона ва иқдому ташаббусҳои созанда Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлолро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта гардонида, дастовардҳои бузурги онро, ки қабл аз ҳама истиқлолияту ваҳдати миллӣ маҳсуб меёбанд, ҳифз намоем. Мутахассисонеро омода намоем, ки воқеан ҳам ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнати дохилию хориҷӣ бошанд.Тавонанд, ки нуфузу обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар бардоранд.

Бо ҳамин нияту орзуҳои нек бори дигар 26-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллиро бароятон муборакбод мегӯям.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ ШУКУФОИИ МИЛЛАТ

*Ҷаҳони муосир давраи мураккабу муқовиматбори инкишофро аз сар мегузаронад. Хосияти асосии он ҷаҳонгароӣ мебошад, ки вобаста ба макону замон дар сатҳ ва шаклҳои мухталиф ба зуҳур меояд. Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз бархӯрдҳои замона дар канор намонда, дар раванди мазкур мақоми хешро меҷӯяд. Барои дар ин раванд беосебу бегазанд нигоҳ доштани давлату миллат ва ҷойгоҳи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ касб намудану ба як зиндагии шоиста расонидани мардуми кишвар мо ба таҳкими бештари пояҳои ваҳдати миллӣ ниёз дорем.*



Дар адабиёт ва фалсафаи муосир мафҳуми ваҳдати миллӣ бештар маънои умумияти иҷтимоӣ ва муттаҳидии аъзоёни ҷомеаро дошта, қариб дар ҳама тамаддунҳо чун омили субот ва таъмини пешравии кишвар ба ҳисоб меравад.

Ваҳдати миллӣ аз як тараф, ба ҳалли проблемаҳои дохили кишвар мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ҳалли низоъҳо ба таҳкими ваҳдати миллӣ сабаб мегардад.

Зарурат ва аҳамияти бузурги ваҳдати миллӣ махсусан дар давраи соҳибистиқлолии давлатӣ эҳсос мешавад. Зеро ки соҳиб шудан ба Истиқлолият барои ҳар як халқу кишвар кори осон нест, вале муҳофизат ва ҳимояти он мушкилтар аз он аст. Роҳи расидан ба истиқлолият ва ваҳдати миллӣ шояд дар тасаввур осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ аз ҳар як сокини кишвар ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсии волоро тақозо менамояд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо сабаби пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ кишвари мо ба истиқлолияти давлатӣ ноил гардид. Бинобар ин умед буд, ки дар шароити нави таърихӣ барои таҳкими ваҳдати миллӣ беш аз пеш шароити мусоид фароҳам меояд. Вале мутаассифона, дере нагузашта бо таъсири омилҳои дохиливу хориҷӣ дар кишвар ихтилофу низоъҳо боло гирифтанд.

Қуввахои моҷароҷӯи сиёсии дохилӣ бо дастгирии ҳомиёни хориҷиашон, ки мустақилияти давлатии кишварамон ва низоми давлатдории навинамонро намехостанд, дар ҷомеа тухми кинаву адоват, низоъ ва ҷудоихоҳиро пошида, оташи ҷанги шаҳрвандиро афрӯхтанд, ки дар натиҷа курбониҳои зиёди ҷонӣ ва молӣ ба бор оварда, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии мамлакатро зери хатар гузошт.

Бинобар ин чораҳои муассире зарур буданд, ки ҷанги шаҳрвандиро хотима дода, ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, баркарор кардани сохти конститутсионӣ, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатро таъмин намоянд. Бо дарки ҳамин зарурати таърихӣ Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд, ки дар он масъалаҳои муҳимми ҳаёти мамлакат, аз ҷумла интихоби роҳбари нави сиёсӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳи комил баррасӣ шуданд.

Дар Иҷлосия қуввахои солими сиёсии ҷомеа Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлат интихоб намуданд. Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш изҳор кард, ки: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки ватанро ором созем» зъро ором намоем». Сарвари давлат он вакт бо ин суханони худ барномаи сулҳ ва ваҳдати миллии оянддаро эълом дода буд.

Дар ҳамин замина роҳбарияти нави сиёсии мамлакат ягона роҳи дурусти ба сулҳи комили миллӣ расиданро дар гуфтушунидҳо бо мухолифини муттаҳида медид, бинобар ин марҳилаи гуфтушунидҳо оғоз шуданд, ки якчанд давр баргузор гашта, ниҳоят 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом ёфтанд. Дар тамоми ин гуфтушунидҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсан ширкат варзида, дар ҳаллу фасли масъалаҳои бахсталаб саҳми арзандаву беназири таърихии худро гузоштанд.

Истиқрори сулҳ заминаи ваҳдати миллиро фароҳам овард. Вале барои он ки ин сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба таври воқеӣ устувор гардад, зарур аст, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ хуб корбаст шаванд. Дар ин раванд пеш аз ҳама омили иқтисодӣ басе муассир аст.

Зарурати таърихии инкишофи ояндаи ҷомеа талаб менамояд, ки фаъолияти амалии мақомоти гуногунзинаи давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ баҳри рушду такомули давлат, соҳибмаърифат намудани шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа бомақсадона ва пурсамар равона гардад. Воқеияти зиндагӣ ва таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд дар байни онҳо ваҳдату якдилии устувор ба вуҷуд намеояд. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки аз тамоми неру ва имкониятҳои хеш ҳамарӯза баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифату шуури миллии мардуми кишвар, фарҳанги сиёсии ҷомеа, тақвияти ваҳдату якдилии халқи сарзамини хеш, беҳ намудани шароити иқтисодию иҷтимоии аҳли ҷомеа ва рушду тараққиёти мамлакатамон беш аз пеш истифода намоем.

Шароити таърихие, ки дар аввали асри 21 дар ҷаҳон ба миён омадааст, ҷомеаи моро ба падидаҳои нави ҳамгирой ва бархӯрди манофеи кудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ рӯ ба рӯ гардонидаст.

Зуҳури падидаи ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлатҳои миллӣ аст, зеро махз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмурӣ зиндагӣ доранд, боло меравад. Бинобар ин ваҳдат хусусияти миллияшро танҳо дар доираи ташаккули давлати миллӣ пайдо карда, мавриди татбиқ қарор мегирад ва нақши давлат дар таҳкими ваҳдати миллӣ меафзояд, зеро он баҳри таъмини рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва равнақи фарҳанги миллӣ манфиатдор аст.

Ваҳдати миллӣ воқеан ҳам марбут ба омилҳои гуногунҷанбаест, ки дар он нақши муассирро ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мебозад. Ҳаёти ҷамъиятии баъзе аз кишварҳои пасошуравӣ, ки бар асари ихтилофи байниҳамдигарии ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мубталои мунокишоти дохилӣ гаштанд, собит карданд, ки дар доираи конунҳо ҳамоҳанг сохтани ниҳодҳои давлатӣ, ки дар кишварамон ба вуқӯъ пайваст, барои амалияи ҷомеасозиамон комилан дуруст буд. Зеро яке аз вазифаҳои муҳими ниҳодҳои давлатӣ ин танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди аъзои ҷомеа ба дурустии арзишҳои дар заминаи ин муносибатҳо қарордошта мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳамоҳангии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар ин самт заминаи мусоидро дар ҷомеаамон барои ташаккули ваҳдати миллӣ муҳайё сохт.

Сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат, ки баҳри татбиқи он мо ҳамагон масъулем, дар ҳама соҳаҳои пешбурди ҳаёти кишвар тадриҷан шароити арзандаро барои инкишофи озодона ва роҳандозии потенсиали ҳар як аъзои ҷомеа таъмин месозад. Ин пеш аз ҳама, аз вазъи ороми сиёсӣ ва фаъолияти пурсамару шабонарӯзии сохторҳои амниятиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сарчашма мегирад, ки бо бедории касбӣ вазифаҳои таъинотиашонро иҷро менамоянд. Аммо, тавре воқеияти зиндагӣ шаҳодат медиҳад, ин субот ва раванди эъмори давлати соҳибистиқлоламон то ба ҳол баъзе қуввахоро дар хориҷ ва дохили кишвар ором намегузорад ва онҳо аз паи халалдор кардани авзои сиёсию иҷтимоӣ дар кишвари мо мебошанд.

Бинобар ин, мо набояд аз таҳдиди омилҳои берунӣ низ сарфи назар кунем. Ҳодисаҳои охири дар ҷаҳон бавуқӯъпайваста шоҳиди болоравии ин гуна омилҳо дар амалияи ҳозираи муносибатҳои байналмилалиянд. Роҳи манфиатбахши аз ин хатарҳо эмин нигоҳ доштани ҷомеа ин боз ҳам боло бурдани эътимоду боварӣ ва тавсеаи робитаи ногусастанӣ бо ҷомеа мебошад.

Аз ин ҷиҳат зарур аст, ки дар низоми тағйирёбандаи манфиатҳои геополитикию геостратегӣ корҳои таблиғотию маърифатӣ ба манзури аз тарафи тамоми шаҳрвандон пайгирона дарк намудани воқеияти муосир ба таври таъсирбахш ба роҳ монда шавад.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

## АРМУҒОНИ ВАҲДАТ

Шукри Ҳақ, шаҳбози дил дар Ваҳдат аст,
Раҳбари мо раҳнамое бар ҷаҳони Ваҳдат аст.
Кай равад аз ёдҳо адлу фари Нӯшервон,
Бе муҳобо садри мо Нӯшервони Ваҳдат аст.
Фарри Ваҳдатофаринаш рафт бар ҳафт осмон,
Офтобе гӯиё дар осмони Ваҳдат аст.
Ҷумла олам дар раҳи Ваҳдат агар чун тан бувад,
Тоҷикистон то ҷаҳон боқист, ҷони Ваҳдат аст.
Офтоби дӯстӣ з-ин мулк бинмояд тулӯъ,
Ҳамчу нони тоҷикӣ болои хони Ваҳдат аст.
Роҳ бикшоем андар синаи кӯҳу камар,
Ин тавоноӣ ҳам аз зӯру тавони Ваҳдат аст.
Раҳрави анзоб аз ранҷу азоб озод шуд,
Рафъи ин ранҷу азоб аз кошифони Ваҳдат аст.
Дар замин мардонагию дар фазо фарзонагӣ,
Ин фақат як порае аз достони Ваҳдат аст.
Асри мо асри нававарҳост, бар қутби мурод,
Мерасад он кас, ки умре қадрдони Ваҳдат аст.
Аз вафодории халқам сар ба гардун мерасад,
Сарфарозиҳои тоҷик армуғони Ваҳдат аст.
Парчами тоҷик, хушо, печида бар тири замин,
Акси аксандозии тирукамони Ваҳдат аст.
Пешаи осон набошад Кохи Ваҳдатофарӣ,
Решаи тоҷик, яқин, аз дудмони Ваҳдат аст.

Ҷумъа ҚУВВАТ

*Яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ мебошад. Дар ин ҷода Тоҷикистон ҳам дар чорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва ҳам дар чорчӯбаи ҳамкориҳои расмии дуҷониба сиёсати хешро пеш аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, бо кишварҳои форсизабони минтақа – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, инчунин бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҳиндустон амалӣ месозад.*

# РАВАНДИ ГУФТУШУНИД ВА ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ХОРИҶӢ



Бояд тазаккур дод, ки масъалаи татбиқи сиёсати минтақавии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ба таври комил омӯхта нашудааст. Таълифоти маҷмӯӣ ва алоҳида дар ин ҷода ҳанӯз вуҷуд надорад. Аммо паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқон тадқиқ гардида, дар асарҳои онҳо инъикос гаштаанд.

Мавриди зикр аст, ки роҳандозии сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлолият, пеш аз ҳама, дар гузоришу бароmadҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос гардидааст. Дар солҳои 1991-1992 Тоҷикистон ба таҳкими сохтори давлатӣ ва дарёфти мавқеи хеш дар арсаи байналмилалӣ машғул буд, вале ҷанги шаҳрвандӣ ин равандро амалан қатъ намуд. Маҳз Эмомалӣ Раҳмон дар низоми давлатдории тоҷикон давраи наву сифатӣ ба вуҷуд оварда, раванди мазкурро аз нав оғоз бахшид ва тавсеа дод. Ӯ дар муроҷиатномаи аввалини хеш ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1992 принсипҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷиро изҳор намуд, ки дар он принсипи «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон» нақши муҳим дошт. Яъне зарурати ба роҳ мондани равобити ҳасана бо кишварҳои минтақа ва авлавияти минтақавии сиёсати хориҷиро Сардори давлат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани худ таъкид намуда буданд.

Сарвари давлат бо назардошти он, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гузаштаи наҷандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, 30-юми сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид кардааст.

Авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баромадҳои Сардори давлат ҳамчун муайянкунандаи самти сиёсати хориҷии кишвар ва асноди марбут ба он инъикос гаштааст.

Маҳз бо дарназардошти боло рафтани мақоми минтақа ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2000-ум вазифаи танзими консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузошт. Бо қарори Коллегияи Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18-уми июни соли 2001 гурӯҳи корӣ таъсис ёфта лоиҳаи санади мазкурро омода намуд, ки 24-уми сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ гардид. Дар ин санад, дар бахши «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба бартарияти минтақавӣ таъкид гардидааст.

Сарвари давлати тоҷикон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ дар самти муносибат бо кишварҳои минтақа чунин таъкид намуданд: «Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрҷанба ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем».

Дар консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти минтақавии сиёсати хориҷӣ чунин инъикос гаштааст: Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дӯстӣ, некуҳамсоягӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар буда, ҳадафи эҷоди навори эътимоду амниятро дар тӯлу марзи кишвар пайгирӣ мекунад. Ин сиёсат дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла масоили сарҳадӣ ва обу энергетика ба ҳалли осоиштаи онҳо ба воситаи музокироту гуфтушунидҳо, ҳусни тафоҳуми ҷонибҳои дахлдор ва эътирофи усули баробарӣ ва тақсимнопазирии амният дар минтақа такя мекунад. Дар низоми равобити байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамҷавор мақоми авло доранд. Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбӣ, бисёрҷанба ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон доштани равобити ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯлу марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳо ба шумор меравад.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеша намуда, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, ба шумули масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҳама гуна фишор худдорӣ намуда, бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунидҳо афзалият диҳад. Гузашта аз ин, вай бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоӣ иқдом мекунад ва саҳм мегирад.

Маҳз ин нуктаҳо дар сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос мегардад, ки ба таҳкими равобити минтақавӣ, дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва таъмини амният дар он даъват менамоянд. «Тоҷикистон чунин мешуморад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли ҳамаи мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ, муқовимати муассир бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмин кардани сатҳи рушди сифатан нав ҳамаи захираву имкониятҳоро дорад.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда бозгӯи он аст, ки барои Тоҷикистон амиқтар шудани равобит бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҷиҳати тавсеаи бештари иқтисоди Тоҷикистон зарурат дорад. Гумон меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба ин нуктаҳо Тоҷикистон ва Чин дар оянда низ баҳри густариши ҳамкориҳои стратегии худ талош хоҳанд варзид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дӯстона ва созандаро бо Ҳиндустон аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ муайян кардааст. Равобити дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон аз соли 1992 оғоз мегардад. Ҳукумати Ҳиндустон сафоратхонаи худро дар шаҳри Душанбе дар соли 1992 ва Тоҷикистон дар соли 2003 ифтитох бахшиданд. Ба ақидаи З. Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон бештар «дар заминаҳои савдо, саноат, илм, фарҳанг ва масъалаҳои амниятӣ» амалӣ мегарданд.

Умуман, роҳандозии сиёсати минтақавӣ низ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина ҳамкориҳои фароху домангустурда, пеш аз ҳама, бо ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони минтақа ва инчунин бо кишварҳои ҳаммарз, дӯст ва шарики боэътимод, ба монанди Чин, Ҳиндустон ва Покистон вусъат ёфтааст.

**Асомуддини АБДУЛМУМИН,**
**ассистенти кафедраи гуманитарӣ**

# ПИРЯХҲО – САРЧАШМАИ ОБИ ТОЗАИ ОШОМИДАНӢ

Об яке аз чаҳор унсури муҳимми табиат дар радифи хоку боду оташ буда, асоси пойдории оламу одам мебошад. Ҳангоми омадани хушксолӣ шахсиятҳои бузург ва ихтирокорони беҳамто низ об ихтироъ нахоҳанд кард. Асадии Тӯсӣ беҳуда нагуфтааст

**Зи ҷӯйе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,**
**Набояд фикандан дар он сангу хок.**

Тоҷикистон воқеан дорои яке аз бузургтарин неъмати табиат-об мебошад. Вақте дар масъалаи оби тоза сухан мекунем, бояд донем, ки минтақаи Осиёи Марказӣ пиряхҳои зиёде дорад ва агар масоҳати умумии пиряхҳои Осиёи Марказӣ 17-18 ҳазор км²-ро ташкил диҳад, пас 60 фисади он ба қаламрави Тоҷикистон рост меояд. Онҳо дар қаторкӯҳҳои Тоҷикистон бештар дар баландиҳои 3400-5240 метр аз сатҳи бахр ҷойгир шудаанд. Яке аз маъмултарини онҳо Пиряхи Федченко мебошад, ки он на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон калонтарин пиряхи водигию кӯҳӣ ба шумор рафта, дар китоби «Рекордҳои замин» дохил шудааст. Дарозии ин пирях 77км, масоҳаташ 651,7 км², ғафсиаш 700-1000 метр буда, паҳнояш то ба 3-5 км². мерасад (ба ҳисоби миёна 1800м.). Ҳаҷми умумияш ба 93,8 км³ баробар буда, дар он қариб 100 км³ об захира шудааст. Пиряхи Федченко қариб 50 шохоб дорад, ки калонтарини онҳо Бивачий, Наливкин, Витовский, Ҷамъияти Географӣ буда, дар баландии 2900 то 7480м аз сатҳи бахр ҷойгир шудаанд.

Пиряхи мазкурро соли 1876 сайёҳи рус В. Ф. Ошанин кашф намуда, онро ба хотири дӯсташ А. П. Федченко, яке аз нахустин муҳаққиқони Осиёи Миёна номгузорӣ намуда буд. Тобистони соли 1908 капитани рус Н. И. Косиненко ва ҳамкоронаш қариб нисфи масоҳати пиряхро омӯхтанд. Байни солҳои 1910 то 1926 дар омӯзиши ин пирях Н. Л. Корженевский саҳм гирифтааст. Таҳқиқи ҳаматарафаи пирях соли 1928 бо роҳбарии академик Н. П. Горбунов шурӯъ гардид ва ҳамон сол аз тарафи И. Г. Дорофеев ба нақша гирифта, шохаҳои он низ муайян ва номгузорӣ карда шуд. Бо иқдоми Н. П. Горбунов, дар канори пиряхи Федченко хонаҳои истиқоматӣ ва пойгоҳи обуҳавосанҷӣ дар баландии 4169м аз сатҳи бахр насб карда шуд ва 7-уми ноябри соли 1933 ба фаъолият оғоз намуд.

Ҳаҷми барфҳои сатҳи пирях соли 1959-ум 720 миллион метри мукааббро ташкил дода буд. Соле дар сатҳи пирях ба ҳисоби миёна 1192мм бориш мешавад. Ҳарорати минимуми мутлақи ҳаво – 16,1С0 давраи бесармо вуҷуд надорад, давомнокии нурафкании офтоб соле 2 ҳазору 116 соатро ташкил медиҳад. Ҳарорати мусбати ҳаво ба моҳҳои тобистон рост омада, мутаносибан ба 3.0, 3.7, 0.2 градус селсияро ташкил медиҳад.

Муайян карда шудааст, ки соли 1959 обшораи пиряхӣ – 54% ва обшораи барфии дарёи Селдара, ки аз пиряхи Федченко ибтидо мегирад, ба 46% баробар аст.

Экспедитсияи илмие, ки ҳадамоти обуҳавосанҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005-2006 баргузор намуда буд, доир ба як қатор пиряхҳои Тоҷикистон, аз ҷумла нисбат ба пиряхи Федченко, маълумотҳои нав ба даст овард. Маълум шуд, ки тӯли 26 сол (яъне байни солҳои 1980-2006) пирях 50м ва ё ба ҳисоби миёна соле 2м таназзул ёфтааст.

Дар 10 соли охир ин пирях беш аз 1км кӯтоҳ ва сатҳаш беш аз 50м паст фаромадааст. Қариб ҳамаи шохаҳои пиряхи Федченко аз танаи асосӣ ҷудо шуда, мустақил гаштаанд. Айни замон 11 шохаи пиряхи Федченко аз танаи асосии пирях ҷудо шуданд.



Ин вазъият ба речаи гидрологии дарёи Вахш беасар намемонад ва аз ин хотир ба кори муътадили силсилаи неругоҳҳои барқӣ, обкашҳои барқӣ, каналҳои худшораи об ва ба кори муътадили обёрӣ таъсири манфӣ расонида метавонад. Аз ин лиҳоз, бояд пиряхи Федченко ҳамеша зери назорат ва таҳқиқоти комплексии илмӣ қарор дошта бошад.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2021 зимни нахустин чаласаи пешвоёни Эътилофи обу иқлим Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Бо назардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян гардида, Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад.

Маврид ба зикр аст, ки масъалаи ҳифзи прияххоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи стратегии на танҳо мардуми тоҷик, балки тамоми ҷаҳон эълон намуданд. Ҳамаи мо шоҳиди он будем, ки санаи 14 декабри соли 2022 қатъномаи “2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” – дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-ум, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон метавонад мақоми кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баланд бардошта диққати оламиёнро ба табиати нотакрораш ҷалб намоянд.

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома, пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

– Эълон гардидани 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои сахмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;

– Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе.

Қатъномаи номбурда аҳаммияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор қайд намудааст. Инчунин дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи криосфера шудааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст. Ин омил ба паст шудани маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳрӣ таъсир расонида истодааст.

**Шаҳноза СОЛИЕВА,**
**мутасаддии шуъбаи адабиёти бадеӣ ва матбуоти даврии китобхонаи илмии ДТТ**

# ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН – МАНБАИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Табиат чун омили бузурги ҳастиву ҳаёти инсон аз қадимулайём ба тозагиву нигоҳубин эҳтиёҷ дошта, пойдорӣ ва дарозумрии захираҳои табиӣ, аз ҷумла пиряхҳо дар дасти ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Пиряхҳо ягона захирае барои ободиву шукуфоии дунё мебошанд, ки ҳифз кардани онҳо қарзи шаҳрвандии ҳар як инсон аст.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои омори байналмилалӣ, дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳаҷми умумии пиряхҳо тақрибан ба 17 ҳазор метри мураббаъ баробар мебошад, ки бештар аз 60 фоизи онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 10 ҳазор пиряхи хурду бузург мавҷуд аст, ки масоҳати онҳо ба 11146 метри мураббаъ баробар мебошад ва ин нишондиҳанда 8 дарсади ҳудуди кишварро дар бар гирифтааст.

Захираи умумии ях дар пиряхҳои кишвар ба 845 метри кубӣ баробар буда, пиряхҳои хурд бо масоҳати 1 метри мураббаъ танҳо 20 фоизи шумораи умумии пиряхҳои кишварро ташкил менамоянд, вале 85 фоизи ҳаҷми ях дар онҳо мутамарказ гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пиряхҳои бузургтарин аз қабили Федченко (651,7 метри мураббаъ), Грумм-Гржимайло (143 метри мураббаъ), Гармо (114,6 метри мураббаъ) ва даҳҳо пиряхҳои дигар, ки зиёда аз 30 метри мураббаъро фарогиранд, дар нуқтаҳои баландтарини Тоҷикистон бо номҳои Исмоили Сомонӣ (7495 метр) ва Абу Алӣ ибни Сино (7134 метр) ҷойгир мебошанд.

Ғайр аз ин бузургтарин пирях дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи пиряхи Федченко маъруф аст, ки яке аз калонтарин пиряхҳои дунё ба шумор меравад, дарозии он 77 метри мураббаъ ва бараш аз 1700 то 3100 метрро ташкил медиҳад. Ин пирях аз қуллаи Инқилоб дар нишебии шимолии қатораҳои Язғулом ибтидо гирифта, то ба дарозии қатораҳои шарқии Академияи илмҳо идома меёбад. Ғафсии ях дар қисмати мобайнии пирях 1000 метр ва масоҳати умумии яхбандишуда ва барфтӯдаҳо 992 метри мураббаъро ташкил медиҳанд. Нуқтаи болоии пирях дар баландии 6280 метр ва қисмати поёнии он дар масоҳати 2900 метр ҷойгир буда, баландии хати барфӣ 4650 метрро ташкил менамояд.

Пас биёед даст ба дасти ҳам гирифта, барои ҳифозат аз хатари обшавии ин неъматҳои Худодод кӯшиш ба харҷ диҳем!

# ЯРМАРКАИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНУ ХАТМКУНАНДАГОН

Маориф яке аз соҳаҳои калидии кишвар, бахусус амалигардонандаи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, ба ин соҳа диққати махсус дода мешавад. Барои дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо аз тарафи Ҳукумати мамлакат як қатор қонунҳо ва стратегияҳо таҳия гашта, амалишавии онҳо барои бо мутахассисони замони муосир таъмин намудани иқтисодиёти кишвар замина гузошта истодаанд.

Дар ин радиф, санаи 26-уми майи соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дастгириҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби теъдоди зиёди корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо намоиши маҳсулот ва ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои хатмкунандагони донишгоҳ баргузор гардид.

Дар ҷорабинӣ сардори шуъбаи муассисаҳои илмӣ-таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзизода Акрам ва сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе – Рамазонзода Абдулло иштирок ва суханронӣ намуданд.

Сухани ифтитоҳиро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оғоз намуда, қайд намуданд, ки омодасозии мутахассисони рақобатпазири мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат, аз техника ва технологияҳои нав бархӯрдор ва эҷодкору навовар яке аз вазифаҳои асосии таълимгоҳҳои олии кишвар ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур борҳо дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлил ва масъалагузорӣ қарор гирифта, дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ ва қарорхоро таҳия ва қабул намудааст. Гузариш аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон масъалаҳои нави омодасозии мутахассисони соҳаи саноатиро ба миён меоварад. Махсусан аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026 эълон гардидани "Солҳои рушди саноат" моро водор месозад, ки мутахассисони рақобатпазирро барои бозори меҳнат омода намоем.

Зимни суханронӣ Рӯзизода Акрам изҳор дошт, ки дар ҳамоиши имрӯза намояндагони як қатор корхонаю ширкатҳои саноатӣ ва бонкҳо иштирок доранд ва боварӣ дорам, ки хатмкунандагон оид ба ҷойҳои кории холӣ маълумоти муфассал мегиранд ва ин ба интихоби ҷойи кории онҳо кумак хоҳад расонид.



Дар баромади худ Рамазонзода Абдулло оид ба ҷойҳои кории холӣ ва тартиби муроҷиат ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатмкунандагон маълумот пешниҳод намуда, қайд намуд, ки яке аз коргоҳҳои бузурги кишвар ин НБО-и "Роғун" мебошад, ки бо теъдоди зиёди ҷойҳои корӣ хатмкунандагонро ба кор даъват менамояд.

Дар идомаи ҷаласа зимни баромадҳо аз ҷониби корфармоён ва хатмкунандагон музокира баргузор гардид.

Дар интиҳо ректори донишгоҳ барои дастгириҳои ҳамаҷонибаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту ширкатҳои ватаниву хориҷӣ изҳори миннатдорӣ намуда, ба корфармоён ва хатмкунандагон барору комёбӣ орз намуд.

Баъди анҷоми ҷаласа меҳмонон ва корфармоёну хатмкунанадгон аз намоишгоҳ ва ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ дидан намуданд.

**Ф. ҒАФФОРОВ,**
**муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ**

# РАҚАМИКУНОНИИ ИТТИЛООТ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст, ба амалишавии барномаҳои бузурги иқтисодӣ диққати махсус дода истодааст. Вобаста ба амалишавии ин барномаҳо, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалан татбиқ гардида, мувофиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ дар фаъолияти тамоми корхонаҳо роҳандозӣ гардида истодаанд.**

Дар шароити имрӯза воситаи асосие, ки тавассути он хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод карда мешавад, «Шабакаи интернет» мебошад. Дар воситаи таълимӣ мушаххас гардид, ки ба роҳ мондани чунин тарзи фаъолият тавассути интернет дар речаи вақти воқеӣ онлайн ("on-line") ба таври пурра автоматикунонии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ниҳоят зарур мебошад.

Иқтисоди рақамӣ ин рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии компютерӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот, таҷҳизот, нигоҳ доштан, фурӯш ва дастрас намудани молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад.

Амалисозии иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, даромади буҷет, шаффофият, содагардонии расмиёт, омода кардани мутахассисони лаёқатноки соҳаҳои гуногун, ҷалби технологияҳои муосир ва дар маҷмуъ сатҳи зиндагии аҳолии кишвар беҳтар гардад. Аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳои хориҷӣ аз 12 то 36 фоизро ташкил дода, дар оянда тамоюли афзоянда дорад.

Дар шароити ба таври мусбат амалишавии рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зиёде вуҷуд дорад. Низоми ягона ва мутамарказ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳо дар шакли электронӣ таҳия карда шуд, ки низоми ягонаи автоматикунонидашуда роҳандозӣ карда мешавад.




**Самаранокии табдили рақамии давлатӣ**

Ташкили фурӯши молу хизматрасонӣ бо истифодаи интернет, ба вуҷуд омадани савдои электронӣ боис гардид, ки интернет зуд рушд ёбад ва дар ин миён маҳсулоти шабакавӣ рӯйи кор ояд.

Татбиқи системаҳои гуногуни пардохти электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ имконият дод то мушкилоте, ки дар самти гузаронидани амалиёти молиявӣ мавҷуд буданд, пурра аз байн бардошта шаванд. Барои самаранок истифодабарии хизматрасониҳои электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ зарур аст, ки самтҳои бехатарии он, хусусан, ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои молиявӣ ва гузаронидани амалиёти молиявӣ дар шакли электронӣ таъмин карда шаванд.

Ба вуҷуд овардани иқтисоди рақамӣ натанҳо ба савдо рабт дорад, он инчунин дар соҳаҳои алоҳида: маориф, тандурустӣ, бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашонӣ ва ғайра низ татбиқпазир аст.

Масалан, ба роҳ мондани таълимоти фосилавӣ, ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо бо кормандони фосилавӣ, баргузор намудани музоядаҳои электронӣ ва ғайра. Ҳангоми рушди иқтисоди рақамӣ якчанд бартариятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст (сарфаи вақт, дастрасӣ ба иттилоот доир ба молу маҳсулот, шаффофият, мониторинг ва ғайра).

Хизматрасониҳои электронӣ шакли муосири хизматрасонӣ буда, танҳо тавассути «Шабакаи интернет» ба роҳ монда мешаванд.

Дар шароити рақобатпазирии шадид таъмини хизматрасониҳои электронӣ ба истифодаи интернет масъалаи рӯзмарра мебошад. Намудҳои пешрафтатарин ва серистифодаи хизматрасониҳои электронӣ инҳо ба ҳисоб меравад: хизматрасониҳои электронии давлатӣ, хизматрасониҳои электронии бонкӣ, хизматрасониҳои электронии молиявӣ, низомҳои электронии андозситонӣ, низоми бақайдгирии гумрукӣ, таҳсилоти рақамӣ ва ғайра.

Хулоса, иқтисодиёти рақамӣ гуфта навовариҳои динамикии иқтисодиеро меноманд, ки ба татбиқи васеи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ, имконияти боло бурдани самарнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳои чудогона ва сифати ҳаёти аҳолиро фаро мегирад.

Ба ибораи дигар, иқтисоди рақамӣ фаъолияти иқтисодиест, ки дар он омили калидии истеҳсолот маълумоти рақамӣ, коркарди миқдори калони иттилоот ва истифодаи натиҷаҳои таҳлил аст ва дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии навъҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизотнигоҳдорӣ, фурӯш, интиқоли мол ва хизматрасониро фароҳам орад.

Он фарогири бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, татбиқи дастовардҳои техникӣ ва шабакаю системаҳои иттилоотӣ мебошад.

Иқтисоди рақамӣ – иқтисодиёте мебошад, ки фаъолияти он ба татбиқи технологияҳои компютерӣ-рақамӣ ва тиҷорат тавассути шабакаи Интернет, торанкабути умумиҷаҳонӣ асос ёфтааст.

Иқтисоди рақамӣ – автоматикунонии идоракунии хоҷагиҳо дар асоси технологияҳои иттилоотии пешқадам, механизме, ки ба самаранокии иттилоотӣ, идоракунии низомҳои истеҳсолот замина мегузорад, инчунин истифодаи усулҳои нав: коркард, нигоҳдорӣ, интиқоли маълумот тавассути технологияи компютерии рақамӣ мебошад.

**М. АБДУҲАМИНОВ**

ҲУНАРҲОИ НИЁГОН

# РУШДИ АНЪАНАҲОИ ОРОИШ БО РАНГ ВА МУНАҚҚАШГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ КЕШБОФӢ

Сайри таърихӣ дар заминаи маводи бостоншиносӣ ва маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ нишон дод, ки дар санъати рангкунии ресмонҳо ва аз онҳо истехсол кардани маҳсулоти бисёррангаро тоҷикон ҳазорсолаҳо қабл азхуд кардаанд. Бонувони хунарманди тоҷик метавонистанд рангҳоро хеле нозукона интихоб кунанд ва аз тариқи беҳтарин онҳоро дар ҳамбастагӣ истифода баранд. Рангҳои тобон афзал дониста мешуданд, аз ин рӯ таркиб ва сифати тайёркунии рангҳои нассоҷӣ, инчунин доштани малакаи дуруст ранг кардани ресмонҳо, аҳамияти калон доштанд.

Дар хунари пашмбофии миллӣ барои тайёр кардани матоъҳои бисёрранга ресмонҳои рангашон гуногуни табиӣ истифода мешуданд. Дар тафриқа бо ин, кешбофиро аз ресмони рангшуда иҷро мекарданд. Бояд гуфт, ки тавассути халқапартоӣ бофта баровардани нақши бисёрранга аз ресмонҳои пашмии рангашон ҳархелаи табиӣ низ имкон дорад, вале барои маҳсулоти кешбофии анъанавӣ ресмонҳои рангашон тобону чашмхарош зарурранд. Талаб карда мешавад, ки тазоди рангҳои ҳамсоя таъмин гардад: ранги сафед бо сурх, ранги зард бо бунафш ва ғайра. Ҳар як ранги навбатӣ бояд баҳри ба тамоми зебоӣ ҷило баровардани ранги дар паҳлуяш қарордошта мусоидат кунад, ёрӣ диҳад, ки он аз масофаи дур намоён гардад.

Дар кешбофии анъанавии тоҷикон танҳо рангҳои табиӣ истифода мешуданд, то он замоне, ки рангҳои кимиёии аз Россия воридшаванда дӯконҳои бозорҳои Осиёи Миёнаро пур накарданд. Чун қоида бонуҳои хунарманд ресмонҳоро барои кешбофӣ худашон ранг мекарданд ва афзалан бо мақсади сарфакорӣ рангҳоро низ бо дасти худ тайёр менамуданд. На ҳамаи растаниҳои рангдиҳанда дастрас ва на ҳар намуд рангубор барои рангдиҳии ресмони кешбофӣ истифода мешуданд. Масалан, қирмизӣ танҳо барои рангкунии абрешим ба кор мерафт ва бо он ресмони пашмиро ранг намекарданд. Баъзе тафриқа дар намудҳои маводи рангкунанда, ки аз онҳо дар водиҳо ва навоҳии кӯҳистон истифода мебурданд, низ мушоҳида мешуданд.

Дар кӯҳистони Тоҷикистон барои тайёр кардани ранги зард интихоби васеи ашёи хом мавҷуд буд. Ин гуна рангуборро аз ҷоғари дарахти чормағз, тут ва себ, гулҳои растании зардгун, навъи алафе бо номи ҳасанак, решаҳои буттаи зирк ва шилха ҳосил мекарданд. Ҷоғари дарахтонро ҷамъ оварда, онро мекӯфтанду дар об меҷӯшонданд. Пашмро аввал мешустанд, сипас дар маҳлули зок обпаз карда, дар маҳлули рангии аллакай тайёршуда меҷӯшонданд . Ранги зардро инчунин бо роҳи обпаз кардани сиёҳии дуди дар шифти хона нишаста тайёр мекарданд. Дар натиҷаи обпаз намудани гулҳои растании маъсар ҳамроҳи ширеши зардолу ва зок низ ҳамин гуна рангубор ҳосил мешуд. Ғайр аз ин, ранги зард тариқи ҷӯшонидани гулҳои растании зардгун ҳамроҳи ишқор ба даст меомад. Дар бораи аз ҳино ва решаи дарахти чормағз ҳосил кардани ранги зард низ маълумот вуҷуд дорад. Барои тайёр кардани ранги зарди сурхтоб аз заъфарон истифода мебурданд. Барои норанҷӣ кардани ресмон, онро нахуст дар ранги сурх ва сипас дар ранги зард меҷӯшониданд .



Барои ҳосил кардани рангубори сурх рӯян истифода мешуд. Ранги дар асоси он тайёршуда қавӣ буда, аз таркиби ресмон берун намешуд. Дар натиҷаи тағйир додани ғализии маҳлул тобишҳои гуногуни ранги сурх ба даст меоварданд. Вобаста ба маводи тезобдиҳӣ рангҳои сурх, гулобӣ, қирмизӣ, норанҷӣ ва қаҳвагиро ҳосил мекарданд.

Тавассути коркарди меваҳои рӯян ранги бунафши равшанро ҳосил мекарданд. Бо роҳи дигар ресмонро нахуст дар рангубори сурх ва сипас дар рангубори кабуд ҷӯшонда, ба он тобиши бунафш мебахшиданд . Дар кӯҳдоманҳои водии Фарғона барои тайёр кардани рангубори бунафш ва сурх ҳанӯз аз давраи Сомониён дарахти бақам истифода мешуд.

Барои ҳосил кардани ранги кабуд бештар маводи воридотӣ (нил, дарахти сандал) ба кор мерафт. Дар водии Рашт ва Дарвоз ин гуна рангуборро дар асоси маводи табиии маҳаллӣ (решаҳои марҷумаки бухорой ва пӯсти сабзи чормағз) низ ба даст меоварданд.

Барои ба ресмон бахшидани ранги сабз тоҷикони муқими кӯҳистон аввал ба он ранги сабз бахшида, сипас ресмонро дар рангубори кабуд коркард мекарданд. Дар Рӯшон ранги сабзро дар асоси меваҳои растании номаш раварзунҷ тайёр мекарданд.

Ба ресмон бо истифода аз ишқор ранги сафед медоданд. Барои ҳосил кардани рангубори сиёҳ пораҳои куҳнаколаи оҳаниро тайи чанд рӯз дар дохили хуми обдор нигаҳ медоштанд. Сипас ин моеъро гарм карда, ба дохилаш ширеши зардолу ва зок меандохтанд. Ҳангоми тафсондан оксиди обдори оҳан ба вуҷуд меомад, ки он рангубори сиёҳ мебошад.

Дар кӯҳистони Тоҷикистон ба дохили об навшодир, пӯсти анор ва резаи оҳансоври гузошта, дар дохили чунин моеъ ресмонро ду маротиба меҷӯшониданд. Дар болооби Зарафшон, Рашт ва Дарвоз барои ҳосил кардани ранги сиёҳ ҳамроҳ бо оҳансов гулҳои тугмачагули сиёҳро бо иловаи навшодир истифода мебурданд. Сокинони Бадахшон ранги сиёҳро аз пӯсти мулоими берунаи чормағз дар ҳолати тару тоза ё хушкшудаи он тайёр мекарданд . Бонуҳои шуғнонӣ барои сиёҳранг кардани ресмон донаҳои қоти сиёҳро дар дохили кӯза турш менамуданд. Дар Қаратоғ бошад ресмонро дар дохили маҳлули зичи рангаш кабуди баланди дар асоси нил тайёршуда тира мекарданд.

Умуман бонуҳои хунарманди тоҷик дар ҷодаи тайёр кардани рангубор ва рангкунии ресмонҳо маҳорати баландро касб карда буданд, ки дар ин бобат ҳамбастагиҳои ботаровату тобон ва дилписанди нақшунигори бисёррангаи ҷуробҳо ва дигар маҳсулоти кешбофии миллӣ шаҳодат медиҳанд.

Рамзнокии рангҳои истифодашаванда ташкилдиҳандаи муҳимми маҳсулоти кешбофии анъанавии тоҷикон мебошад. Ранги сафед ранги некӯкорӣ ва тозагист. Дар фарҳанги миллӣ либоси сафед рамзи покизагии ботинӣ, ҳаёти беғубору хушбахтро ифода мекунад, аз ин рӯ аққалан як пероҳани тӯёнаи арӯс бояд сафед бошад. Ҳамзамон, дар кӯҳистони Тоҷикистон ранги сафед, ба мисли кабуд ва сиёҳ, ранги пероҳани мотамӣ ба шумор меравад. Ранги сабз рамзи ҳаёт, эҳёи табиат, ормон ва ҷавонӣ мебошад. Он ба сифати яке аз рамзҳои дини ислом, ранги либос ва болини аҳли биҳишт дониста мешавад. Ислом ба ранги сурх низ мусбат муносибат мекунад. Садбарги сурх, мисли оташ, таъкид ба ҳамду санои яздонӣ мебошад.

Оташ дар дини зардуштӣ нерӯи табиии муқаддас ва таҷассуми адолати худовандиро ифода мекунад. Занҳои тоҷик дар ҷуробҳояшон ранги сурх, мардҳо ранги сафедро афзал медонанд.

Ҳамбастагии нақшро ҳанӯз то кешбофӣ интихоб мекарданд, вале ҳангоми нақшбарорӣ нияти ҷорӣ ва амали бе тайёрӣ аҳамияти асосӣ доштанд. Нақш дар раванди ҳалқапартоӣ, аз як қатор ба қатори дигар тавлид мешуд. Мавзӯъҳои содаи маҳсулоти кешбофӣ мазмуни амиқ доранд ва рамзианд. Бауслубдарории нақшҳо моҳирона буда, ба қонуният оварда шудааст, муназзам аст, аз ин рӯ ҷуробҳо моҳиятан асарҳои санъат мебошанд. Нақшҳои мураккабро бо ресмонҳои сершумори иборат аз даҳҳо ранг бофта мебароварданд. Намунаи ҷуробе ба қайд гирифта шудааст, ки дар нақшаш ҳаштод рангро истифода бурдаанд.

Нақшҳои зооморфӣ дар ороиши маҳсулоти кешбофӣ аҳамияти соҳирӣ-муқаддасӣ дошта, аз чашми бад муҳофизат мекунанд, рамзи серҳосилӣ ва таманнои ҳаёти осуда мебошанд. Дар симои ҳайвоноти ваҳшӣ кӯҳистониҳо бошандагони дунёи мавҷудоти ғайритабиӣ, аҷдодонашонро медиданд. Ба ин қатор ҳамбастагиҳои зерин шомиланд: пайи пишак, нохуни паланг, каждумак, пайи гург (вурджбидх), чорчашм, аждарпайкар, чашмак (сифсак).

Тавассути мавзӯи шох парастиши симои ҳайвонҳои ваҳшӣ (нахчир, кӯшқори кӯҳӣ) ва хонагӣ (кӯшқор, гов, кутос) ифода мешуданд. Гӯшти бузу гӯсфанди кӯҳиро тоҷикони кӯҳистонӣ ҳалол ва шохҳояшонро муқаддас медонистанд. Ин ҷуфтсумҳо бошандагони баландкӯҳҳо мебошанд ва дар байни мавҷудоти зинда ба осмон наздиктар ҳастанд, пас дар онҳо малоикаҳо таҷассум ёфтаанд.

Анъанаи тасвири шохҳо дар давраи исломӣ боқӣ монд.

Дар кешбофӣ пари товус, синаи боз, мурғак (чаҳак, кабк) заризак ва ғайра намунаҳои нақшҳои орнитоморфӣ мебошанд. Парандаҳо рамзи Офтоб, шамол, ҳаво, абр, раъду барқ, оташ мебошанд. Ҳамзамон, дар тасвири онҳо холиқ, сафири худо, пайғамбарӣ, абадияти рӯҳ, илҳом ва ғайра таҷассум меёбанд.

Дар мавзӯи нақшҳои маҳсулоти кешбофӣ ҷузъҳои аломатии ориёии қадимӣ ба назар мерасанд. Свастика – гардунаи хуршед (чархгардонак) нақшест, ки дар он чаҳор унсур (оташ, об, ҳаво, замин) таҷассум ёфтаанд. Рамзи он маънии тавлиди ҳаёти доимо дар ҳаракат буда, некӯаҳволӣ, Офтоб ва равшанӣ, некӣ ва фаровонӣ, саодатмандӣ ва некбахтӣ доранд. Мавҷудияти ин мавзӯъ такрорёбии фарҳанги зардуштист.

Дар ороиши намунаҳои зиёди маҳсулоти кешбофӣ мавзуъҳои алоқаманд бо Офтоб, моҳтоб, ситора вомехӯранд. Пайдошавии парастиши ҷирмҳои осмонӣ аз замони пахншавии дини зардуштӣ ва ақоиди динии аз он ҳам қадимтар сарчашма мегирад. Дар байни гурӯҳи худоҳои зардуштӣ Офтоб яке аз худоҳои асосӣ ба шумор мерафт.

**Сайёра СОДИҚОВА,**
**н.и.т муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд**

# ОЗМУНИ «ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН»-2023

**Рӯзҳои 26-ум ва 27-уми майи соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон "Озмуни ихтироъкорон ва беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ" баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни факултетҳо, магистрантон, олимони ҷавон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и донишгоҳ ва хонандагони Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолона иштирок карданд.**

Дар кори озмун инчунин, сардори раёсати муассисаҳои таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам, сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе Рамазонзода Абдулло ва ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур иштирок намуданд.

Озмунро муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Абдулазиз Ғаффоров ҳусни оғоз бахшида, нақши навоварию ихтироъкорӣ ва илму инноватсияро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда, эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»-ро омили муҳимми пешрафти кишвар маънидод намуд.

Сипас, ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ва сардори раёсати муассисаҳои таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам суханронӣ намуда, баргузории чунин озмунҳоро барои дарёфти ихтироъкорону навоварони ҷавон ва пешрафти соҳа омили муҳим донистанд.

**Озмун дар ду бахш: 1. Навоварӣ ва ихтироъ. 2. Лоиҳаҳои инноватсионӣ гузаронида шуд.**

Корҳои пешниҳодшударо дар бахши "Навоварӣ ва ихтироъ" аъзои ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ намуданд: А. Ғаффоров – д.и.т., проф., муовини ректор оид ба илм ва татбиқот (раиси ҳакамон); А. Ҳасанов- н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи КИТ, ОКИ ва ИП, муовини раис; Г. Мирзозода – н.и.т., мудири кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока (аъзо); Ф.Ҷалилов – н.и.т.,и.в. дотсент, мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ (аъзо); Ш. Мирзоев – и.в. мудири шуъбаи таълим (аъзо); О. Ҷӯраев, раиси Кумитаи иттифоқи касабаи ДТТ (аъзо); М. Эшонов- мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш (котиб).



Лоиҳаҳои инноватсиониро ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ намуданд: Ф. Ғаффоров – н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълим (раиси ҳакамон); А. Сатторов, н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молия (аъзо); А. Ҷаъфаров – сардори Маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ (аъзо); М. Соҳибназаров - н.и.т., и.в.дотсент, мудири кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд (аъзо); М. Шарипова – н.и.х., дотсент, мудири кафедраи химия, (котиб).

Ба озмун 26 номгӯи ихтироъ ва 107 лоиҳаи инноватсионӣ пешниҳод гардида буд. Баъд аз муаррифии ихтирооту лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷамъбасти озмун, ҳайати ҳакамон ғолибонро ба тарзи зайл муайян намуданд.

**Дар бахши 1. Навоварӣ ва ихтироъ. Бо дипломи дараҷаи 1 барои ишғоли ҷойи якум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 1658 сомонӣ.**

Гурезов Шукрулло Холмахмадович, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-54010104 факултети технология ва дизайн, барои ихтирои "Хати технологии коркарди партовҳои истеҳсолӣ".

Урунбаев Комрон Азамович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010101 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои "iBot Robot Car".

Алиев Рустам Файзалиевич, магистранти курси 2-юми ихтисоси м 40010101 барои ихтирои "Дастгоҳ барои туронданi парандаҳо" .





**Бо дипломи дараҷаи 2 барои ишғоли ҷойи дуюм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 1000 сомонӣ.**

Неъматов Мухаммад, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010108, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои meArm.

Миров Зикруллоҳ, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-54010104, факултети муҳандисӣ – технологӣ, барои навоварии "Таҳияи курсии инноватсионӣ".

Саидов Ҳусейн Аламуродович, докторанти курси 2-юми Phd, факултети муҳандисӣ – технологӣ, барои "Ҳосил кардани ранги ғизоӣ аз қисмҳои гуногуни растаниҳо".

**Барои иштироки фаъол, мукофоти пулӣ ба миқдори 100 сомонӣ**

Махмадназаров Некрӯз Ҷумаевич, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-43010601, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои стенди намоишӣ "Термодатчикҳо".

Шарифов Лоиқ Ҳусайнович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ барои ихтирои "Дастгоҳи универсалии зарядноккунии аккумуляторҳои гуногун"

Бобохочаева Мунира, магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-54010105, барои "Ҳосил кардани ранги ғизоӣ аз қисмҳои растаниҳо".

**Бо Сипоснома ва мукофоти хотиравӣ – шоҳмот**

Икромӣ Анушервон, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010101, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои лоиҳаи "Neo Bot".

Муродзода Бобомурод Раҷабалӣ, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои Control Tello.

Ҷонмардов Фарҳод Ибодуллоевич, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои "Дастгоҳи универсалӣ барои санҷиши асбобҳои рӯзгор"

Тохиров Искандар Шухратович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010103, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои "Умная подушка".

**Бо дипломи дараҷаи 3 барои ишғоли ҷойи сеюм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 500 сомонӣ.**

Мукумов Муҳаммад Ваҳобович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010108, факултети технологияҳои ихтирои "Дастгоҳ барои таъмири асбобҳои электронӣ"

Шарипова Бибихатича, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-25010104, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои "Печкаи ғайриодӣ".

Муллозода Хайрандеш, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-49010102, факултети муҳандисӣ- технологӣ, барои лоиҳаи "Коркарди навъи махсулоти хӯрокаи хусусияти функсионалидошта".

**Дар бахши 2-юм. Лоиҳаи инноватсионӣ.**

**Равияи техника ва технология**

**Ҷойи якум** – Шукрия Раҳимова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010202, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, дипломи дараҷаи 1-ум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ, барои чузвдонҳои замонавӣ.

**Ҷойи дуюм** – Ануша Назарова, магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-190101, дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои лоиҳаи "Применение миниатюрной живописи на джинсовой ткани под девизом "1001 ночьи".

**Ҷойи дуюм** – Умедаи Абдурозиқ, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-49 010101, факултети муҳандисӣ-технологӣ, дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои "Таҳияи бизнес – нақша оид ба сехи истеҳсоли меваи хушк дар ноҳияи Шахринав".

Ҷойи сеюм –Муҳаммадӣ Фотима, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010103, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, дипломи дараҷаи 3-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 200 сомонӣ, барои лоиҳаи "Сехи истеҳсоли коркарди партовҳои маишӣ дар шаҳри Душанбе".

**Равияи иқтисодиёт ва фанҳои гуманитарӣ**

**Ҷойи якум** – Шарифзода Аминҷони Қодир, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010711, факултети иқтисодиёт ва молия, дипломи дараҷаи 1-ум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ, барои лоиҳаи ташкили ҶДММ "Коркарди шишагин".

**Ҷойи дуюм** – Сафархонов Шохрух, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-25010711, факултети иқтисодиёт ва молия, дипломи дараҷаи 1-ум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои лоиҳаи "Истифодаи технологияҳои нав баҳри пешгирӣ аз сӯхтор".

**Ҷойи дуюм** – Баҳоров Аҳадулло, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010410б, факултети иқтисодиёт ва молия, дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ,

с. 8

# ОЗМУНИ «ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН»-2023

(Аввалаш дар саҳ. 7)

барои лоиҳаи “Корхонаи азнавсозии шинаҳои (чархҳои) кухна”.

**Ҷойи сеюм** – Надирова Алелия, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-25010707, факултети иқтисодиёт ва молия, дипломи дараҷаи 3-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 200 сомонӣ, барои лоиҳаи “Мобильное предложения для молодёжка Таджикистана.

**“Равияи ИТ-технология**

**Ҷойи якум** – Мирзоев Шаҳбоз – донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40030101, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 750 сомонӣ, барои лоиҳаи “KORYOB программка для поиска работы в РТ.

**Ҷойи дуюм** – Саъдиева Отика Илҳомовна, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 250 сомонӣ, барои лоиҳаи “Дешифратор”.

**Ҷойи дуюм** – Беков Анушервон, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010104, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои лоиҳаи “Сохтани ҷадвали дарсӣ”.

**Ҷойи сеюм** – Ниёзов Алишер Баротбоевич, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010101, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, дипломи дараҷаи 3 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 200 сомонӣ, барои лоиҳаи “Китобхонаи электронии таълимию методӣ барои донишҷӯён”.

**Литсеи инноватсионии “Душанбе”**

**Ҷойи якум** – Комилова Омина, хонандаи синфи 8 «г», дипломи дараҷаи 1-ум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ, барои лоиҳаи “Нақшу нигори миллӣ дар зарфҳо бо истифодаи рангҳои табиӣ”.

**Ҷойи дуюм** – Файзова Сафия, хонандаи синфи 9 «в», дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои лоиҳаи “Партови корхона – ашёи хом барои истеҳсолот”.

**Ҷойи дуюм** – Адашов Аъзамҷон, хонандаи синфи 7«б», дипломи дараҷаи 2-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ, барои лоиҳаи “Муодилаҳои параметрдор”.

**Ҷойи сеюм** – Абдураҳимова Дилоро, хонандаи синфи 9 «е», дипломи дараҷаи 3-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 200 сомонӣ, барои лоиҳаи “Диабет – не приговор”.

**Ҷойи сеюм** – Хатамова Мубина, хонандаи синфи 10 «г», дипломи дараҷаи 3-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 200 сомонӣ, барои лоиҳаи “Рак молочной желези”.

**Бо Сипоснома ва тӯҳфаи хотиравӣ – шоҳмот қадрдонӣ гардиданд.**

Муродзода Мафтуна, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-19010105, факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Мизи ороишӣ”.

Саъдуллозода Фотима, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-19010105, факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Омода намудани кокуллаҳои қадима бо усулҳои замонавӣ барои калидҳо (брелок)”.

Аминаи Шералӣ, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010707, факултети иқтисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “Производство лого-кирпича как проекта”.

Шерализода Абдулло, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010108в барои лоиҳаи “Student Relationship System”.

**Сипоснома (бо музд-100 сомонӣ)**





Абдухаётова Ситора, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-91010101, факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Истифодаи коркарди дубора: чувздонхо аз партовҳои нассоҷӣ”.

Мирзоҳамза Зайниддинзода, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-501010107, факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Сохтани соатхо аз боқимондаҳои маводи мебелӣ”.

**Сипоснома (бо музд-100 сомонӣ) Литсеи инноватсионии “Душанбе”**

Шарипова Фарҳуда, хонандаи синфи 8 “в”, барои лоиҳаи “Таҳзиб – ус-сибиён”-и Садриддин Айнӣ яке аз дастурҳои методии маҳви бесаводии халқи тоҷик дар ибтидои асри XX.

**Сипоснома (бе музд) Литсеи инноватсионии “Душанбе”**

Шарипова Румайсо, хонандаи синфи 8 “е”, барои лоиҳаи “Школьное питание в Таджикистане: основные проблемы и возможное пути решения”.

Зарипова Беназир, хонандаи синфи 8 “в”, барои лоиҳаи “Мавкеи истифодаи ибораҳои исмӣ дар силсилаҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев”.

Зоиров Меҳрубон, хонандаи синфи 7 “б”, барои лоиҳаи “Таъсири ададҳо бо руйдодҳои ҳаёт: афсона ё воқеият”.

**Сипоснома (бе музд) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Бобохонова Қизлархон, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-19010105 факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Шерозаҳои замонавӣ аз мӯхраҳо бо нақшҳои миллии қадима дар мавзуи гӯшвораҳо”

Гудименко Егор Хдойбердиевич, магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-54010105, барои лоиҳаи “Ороиш аз сангҳои қиматбаҳои Тоҷикистон дар шакли дарахт”.

Абдурозиқова Насиба, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-25010410в факултети иқтисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “ЭКО-PAPER”.

Исмоилова Азиза, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-25010711а факултети иқтисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “Мобильное предложения для университета”

Анакулова Шабнам, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25010711 факултети иқтисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “ҶДММ “Тозагидӯстдор”.

Зиёева Сайфура Рӯзибековна, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-190101202 факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Бизнес – проект “Квест-комната”.

Силтонмамадов Силтонмамад, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010301в факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ, барои лоиҳаи “Введение финансовые технологии в РТ”.

**Эзоҳ:** баъд аз муайян намудани ғолибон ва ҷойҳои ифтихорӣ аъзои ҳакамон бо мақсади боз ҳам шаффофтар ва дар сатҳи баланд баргузор гардидани озмунҳои минбаъда пешниҳод намуданд, ки:

– даври якуми озмуни “Лоиҳаҳои инноватсионӣ” дар факултетҳо гузаронида шуда, пас аз муҳокима ва баррасӣ ба департаменти илм пешниҳод карда шаванд;

– лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба талаботи низомномаи озмуни “Лоиҳаҳои иноватсионӣ” ҷавобгӯ нестанд, ба озмун роҳ дода нашаванд;

– корҳои эҷодӣ ва намунаҳои саноатие, ки натиҷаи эҷодиёт ва меҳнати зеҳнии донишҷӯёни факултети технология ва дизайн мебошанд, дар озмунҳои минбаъда дар бахши “Ихтироъкорон” баррасӣ шаванд.

**Л. НАБИЕВ, Р. МАСЪУД**



Раёсат, Кумитаи иттифоқи касаба, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ ба мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангӣ Лангарӣ Набиев нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён карда, ба ӯ ва пайвандонаш аз даргоҳи илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя: Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.
Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.
Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха